Тақриз

ба диссертатсияи Раҳимова Сарвиноз дар мавзуи «**Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Дар шароити имрӯза, яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами рушди маориф, ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба раванди таълим ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар раванди таълим омили муҳими рушди давлат ва ҷомеа шуморида мешавад. Ҳамин тариқ, ҷанбаҳои мухталифи раванди вориднамоии технологияҳои муосири иттилоотиву коммвуникативӣ ба раванди таълим, дар таҳқиқоти мухталиф мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд, ки шаҳодати муҳим будани мавзуи мазкур аст.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ошкор кардан ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда, ба таври озмоишӣ санҷидани шароитҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар ҷараёни омодагии омӯзгорони фанни таърих, инчунин мутахассисони дигар соҳаҳои фанҳои гуманитарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф вобаста ба шаҳр ва минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферата диссертатсия собит мекунад, ки муаллифи диссертатсия пажӯҳишу омӯзишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни масъаларо равшан намуда, барои раванди амалишавии стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ ва тавсияҳои методии ҷолиби диққат ироа намудааст.

Муҳаққиқ дар асоси омӯзиши доираи васеи адабиёти фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ва методӣ амсилаи сохторӣ ва функсионалии ташаккули омодагии хонандагон бо истифодаи ТИК таҳия ва тавсиф кардааст. Амсила маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманди зерин: ҳадаф, методологӣ, мундариҷа, ташкилӣ, мурофиавӣ, технологӣ, меъёрӣ-арзёбӣ, ислоҳӣ ва иҷроишро дар назар дорад. Дараҷаҳои ташаккули омодагии иттилоотии донишҷӯёни факултети таърихи донишгоҳи омӯзгорӣ (паст, миёна, олӣ) тавсиф карда шудаанд; Раванди ташаккули омодагии иттилоотии хатмкунандагони ояндаи факултети таърих пайваста ва афзоишёбанда нишон дода мешавад. Бо ин равиш барои донишҷӯён зарур аст, ки ҳамаи фанҳои технологияи иттилоотӣ, ки дар барномаи таълимии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носир Хусрав пешбинӣ шудааст, пайваста омӯзанд.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Рахимова Сарвиноз арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар вокеъ таҳқиқотҳои олимон оид ба раванди омодасозии

омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии роҳу усулҳои самарабахши ин равандро муайян ва коркард кардааст ва дар ин росто самаранокии амсилаҳои пешниҳодкардаашро дар озмоиши педагогӣ собит сохтааст.

Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад. Дастгоҳи илмии он мутобиқ ба талаботи сохтори нави аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда мураттаб шудааст. Муҳаққиқи ҷавон Раҳимова Сарвиноз натиҷаи кори ба анҷомрасонидаашро дар муқаддима, ду боб ва хулоса инъикос намуда, аз адабиёти мухталиф фаровон истифода бурдааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар хулосаи диссертатсия танзиму таснифи натиҷаҳои озмоиши педагогиро ба субут расонида, мавриди арзёбӣ қарор додааст ва вобаста ба натиҷаҳои ноилшуда хулосаву тавсияҳои зарурӣ ироа кардааст. Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назарраси илмиву амалиро соҳиб буда, муътамадӣ, асоснокӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Мувофиқи натиҷаҳои дар автореферат баррасигардида кори диссертатсионии Раҳимова Сарвиноз дар мавзуи "**Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ**" таҳқиқоти илмии баанҷомрасида арзёбӣ шуда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, директори
филиали Муассисаи давлатии
"Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф" дар шаҳри Душанбе Каримзода Ш.К.

28.03.2024


**Маълумот барои тамос:**

Суроға: "734000. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 8, тел: 938039392

Суроғаи электронӣ: shavkatnormatov@mail.ru


Имзои Каримзода Ш.К.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳои МД
"ДҶТИБКСМ" дар шаҳри Душанбе Шарифов А.